**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии унвончӯ Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзӯи «Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ (дар мисоли фанни химия)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Мавзӯи мазкур дар раванди аз нав ташкилкунонии самтҳои асосии рушди маориф ба хусус, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ равона карда шудааст. Албатта дигаргуншавии усули интихоби мазмун ва мундариҷаи таълим дар ин ҷо бояд рушди шахсиятро дар самти эъҷодкорӣ таъмин намуда, дар системаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ усулҳои самарабахши таълим баҳри амалӣ намудани фаъолияти пурсамари донишҷӯён ёрии амалӣ расонад. Барои мутахассис зеҳни рушдёфта, малакаҳои истифодабарии донишҳои азхудкардашуда дар ҳолатҳои гуногун, ҳалли эҷодии вазифаҳои гузошташуда зарур мебошад. Дар алоқамандӣ ба ин, нақши муассисаҳои гуногуни таълимӣ (аз ҷумла, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ) дар ташаккули қобилияти эҷодӣ, дарки фаъол ва мустақил будан баланд мегардад.

Фаъолият ҳама вақт роҳи муайяни шахсиятро инъикос менамояд, ва донистани он ба масъалаҳое вобаста аст, ки барои инсон аҳамиятнок мебошанд. Дар таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти олии ксбӣ саъю кӯшиши донишҷӯён асосан бояд ба ҳалли вазифаҳои мақсадноки барномаи таълимӣ равона карда шавад.

Дар ҳал намудани вазифаҳои гузошташуда таҳқиқоти фаъолияти таълимӣ (дарксозӣ, эҷодкорӣ ва қобилиятҳои таҳқиқотӣ) фаъолияти мустақилият дарксозии донишҷӯён, ҳамчунин коркарди воситаҳо ва тарзҳои рушд ёфтани чунин фаъолият дорои аҳамияти калон мегардад. Зарурати ташкил намудани фаъолияти дарксозиро дар раванди таҳсилот бисёре аз олимон-педагогҳо ва психологҳо мавриди баррасӣ қарор додаанд. В.А.

Сухомлинский қонуниятҳои умумии табиатро хулосабардорӣ намуда, қайд менамояд, ки ҳамаи ҳодисоту мавҷудот дорои сабабҳо ва оқибатҳои худ мебошанд.

**Ҳадафи таҳқиқот:** муайян ва асоснок кардани феҳристи шароити педагогӣ доир ба ташаккулёбии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён мебошад.

**Масъалаи таҳқиқот:**

– омӯзиши адабиёти методӣ, психологӣ-педагогӣ ва фалсафӣ, муайян кардани проблемаи рушди фаъолияти маърифати донишҷӯён дар муассиаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

– коркарди сатҳи муайяни рушди самаранокии фаъолияти маърифатӣ;

– муайян кардани сатҳи воқеъии ташаккулёбии фаъолияти маърифатии донишҷӯёни факултети химия ва биология;

– санҷиши озмоишии муваффақона истифода бурдани феҳристи шароити педагогие, ки ба рушди фаъолияти мустақилу маърифатнокӣ метавонанд таъсир расонанд.

**Усулҳои таҳқиқот:**

**-методҳои назариявӣ:** таҳлили адабиёти фалсафӣ, равоншиносию педагогӣ ва методӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда; таҳлили ҳуҷҷатҳои меъёрӣ; таҳлили муқоисавии консепсияҳои педагогии соҳаи педагогика;

-методҳои эмперикӣ: мушоҳида, пур кардани пусишномаҳо, амсиласозӣ, назарсанҷӣ, тестгузаронии омӯзгорон ва донишҷӯён;

-методҳои таҳлили сифатӣ ва миқдории озмоиши педагогӣ, коркарди оморӣ.

**Эътимоднокии натиҷаи диссертатсионӣ-** бо методологияи муносибати эҷодӣ, методикаи таълими ҷамъӣ, исботнокии натиҷаҳои таҳқиқот, маълумоти аз ҷиҳати озмоишӣ бадастомада, таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ, коркарди натиҷаҳои озмоиш, методҳои математикӣ ва оморӣ ва ғайра таъмин шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст:**

1. Дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳо самтҳои илмӣ, эҷодӣ, таҷрибавӣ-озмоишӣ ва психологӣ-педагогӣ нишон дода шуд, ки самарабахшии маърифатӣ дар фаъолият ифодашаванда мебошад. Ҳамчунин сифати шахсияти донишҷӯ, тарзи худифодакунонӣ пеш аз ҳама дар ҷараёни таълим ба вуҷуд оварда мешаванд.

2. Рушди фаъолшавӣ дар донишҷӯён, ин рушди тафаккури назариявӣ, ташаккулёбии қобилият ва малакаҳо доир ба аз худкунонии донишҳои нав ва тарзҳои қабули онҳо, ташаккулёбии муносибатҳои мусбиаш ҷиҳати донишандӯзӣ ва роҳҳои фарогирии онҳо ба шумор меравад.

Шароити самарабахш намудани фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни факултети химия ва биология, ки дар давраи омӯзиши фанҳои химиявӣ муайян шуда буд, аз далелҳои зерин иборат мебошанд:

– қобилияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар идоракунонии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён;

– ҷалб намудани донишҷӯён дар ҳамаи давраҳои (марҳилаҳои) таълим ба шаклҳои гуногуни фаъолияти мустақилу фаъолшавӣ;

– дар ҷараёни таълим бояд қобилияти фардии донишҷӯён ба назар гирифта шавад;

– истифодабарии эҷодии супоришҳо ва вазифаҳои химиявӣ дар раванди таълим.

**Нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Методологияи муносибатҳои эҷодӣ, методикаи таълими умумӣ, исботшавандагии натиҷаҳои таҳқиқот, маълумоти бадастовардашудаи озмоишӣ, таҳлили шуморавӣ ва сифатнокӣ, коркарди натиҷаҳои озмоиш тавассути усули математикӣ ва оморӣ ва ғайраҳо.

2. Методикаи ташаккулёбии фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ дар донишҷӯён, ки ба кори эҷодӣ ва мустақилона, донишҳои асосӣ равона

карда шудааст, ки дар омода намудани мутахассисон мавқеъи асосиро ишғол менамояд.

3. Шароитҳои педагогӣ доир ба рушди фаъолияти таълимӣ дар давраи омӯзиши фанни химия.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:**

1. Самти илмӣ-амалӣ доир ба самарабахш гардонидани фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод гардид.

2. Шароити педагогие, ки дар баланд бардоштани муваффақиятнокии раванди рушди фаъолияти донишҷӯён дар давраи омӯзиши фанҳои асосии химия имкон медиҳанд, муайян шуда буд.

3. Коркарди методӣ ва тарзи ба вуҷуд овардани барномаҳои машқҳои тағйирёбанда, ки ба фаъолияти самарабахши донишҷӯён дар дарсҳои беруназсинфӣ мусоидат менамояд.

**Саҳми шахсии довталабро** шароитҳои муносибати фардӣ-эҷодӣ, системаи методологӣ, назорат, мушоҳида, муқоисаи маълумотҳо дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратии бадастомада, дар коркарди паҳлуҳои муҳими мушкилоти таҳқиқ, омӯзиши таҷрибаи таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар кори таҷрибавӣ-озмоишӣ тасдиқ менамояд.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 17 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5-адад васоит ва дастурҳои таълимӣ, 7-адад мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида ва 5-адади дигарашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», ду боб, бахши «Хулосаҳо» бо зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва

«Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Охирсухан», бахши «Номгӯи адабиёт» бо зербахшҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 188 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори Microsoft Word ҳарфчиншуда иборат буда, 17 расму диаграмма ва 18 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар ду боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 229 номгӯй мебошад.

**Дар муқаддима** зарурати мавзуи дисертатсия асоснок карда шуда, объект ва предмети таҳқиқот, мақсади таҳқиқот, фарзия ва нуқтаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, ифода ёфта, асосҳои методологӣ ва методҳо, марҳилаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо тавсиф ёфтаанд.

Дар боби **аввал** « Асосҳои назариявии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифтаии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ», ки аз се зербоб иборат аст, муаллиф дуруст асоснок кардааст, ки амсиласозии объект, равандҳо ва ҳодисаҳои химиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ омӯхта мешавад, барои ошкор кардани мушкилотҳои рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни химия, ки ба таври муқаррарӣ нишон доданашон душвор ва баъзан ғайриимкон аст. Ҷанбаҳои методологии рушди мустақилият метавонад, ташаккули фаъолияти фикронии донишҷӯро бедор намояд. Дар ҳамин боб муҳаққиқ қайд менамояд, ки қариб ҳамаи барномаҳо доир ба ин фанни таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чунин таҳия карда шудааст, ки зимни омӯзиши онҳо бештар мустақилияти донишҷӯро талаб менамояд.

Дар боби **дуюм** «Санҷиши таҷрибавӣ-озмоишии шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» аз

се параграф иборат аст, ки барои асоснок намудани зарурати ба роҳ мондани санҷиши таҷрибавӣ-озмошии шароити педагогӣ ва усулҳои рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён арзёбӣ мегардад. Дар боби дуюм муҳаққиқ самаранокии озмоиши педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёнро баррасӣ намудааст, ки ҷавҳари рисоларо нишон медиҳад. Тибқи хулосаи унвонҷӯ истифодаи шароити педагогӣ ва усулҳои рушди фаъолияти таълимӣ- маърифатии дар раванди таълими фанни химия танҳо набуда, дар ҳамбастагии мустақилияти донишҷӯён мувофиқи мақсад шуморида мешавад. Ба назар гирифтан ҷоиз аст, ки мавқеи асосиро дар баланд бардоштани мустақилияти донишҷӯён омӯзгор иҷро намуда, вай раванди таълимро пурра иҷро менамояд.

Аз ин рӯ, такмили ихтисоси омӯзгори дар самти истифодаи раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, яке аз масъалаҳои мубрами маъорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот таҳлил ва ҷамъбасти мавод доир ба мавзуъ гирдовардашударо, ки чорчӯбаи чунин соҳаҳои илм аз қабили: методикаи таълими химия, педагогика ва психология таҳия шудаанд, мубрамияти масъалаи тадбиқи рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди таълими фанни химия бе шубҳа баланд мебардорад.

Аҳамияти амалии корро муҳаққиқ дуруст муайян ва санҷидани шароитҳои рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ равона намуда, коркарди тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони фанни химия оид ба истифодаи шароитҳои рушди педагогии фаъолияти таълимӣ- маърифатии донишҷӯён мебошад.

Муаллиф фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёнро яке аз усулҳои самараноки таҳқиқоти илмӣ маънидод намуд, ки усули мазкур на танҳо дар доираи илми муосир васеъ истифода бурда мешавад. Балки рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён метавонанд, барои ташаккули тафаккури донишҷӯён, дарки амиқи воқеият ва равандҳои

химиявӣ мусоидат намуда, дараҷаи тафаккури донишҷӯёнро меафзояд. Аз ин рӯ дар, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ омӯзгоронро лозим меояд, ки ҳар чи бештар фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёнро баланд бардошта, мустақилияти онҳоро самаранок ба роҳ монанд. Қобили қайд аст, ки муаллиф шароити рушди педагогии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёнро ҳамчун усули нав ва самаранокии таълим маънидод менамояд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар рисола нуқсонҳои мантиқӣ ва техникию забонӣ ба назар мерасад, ба сифати эрод чанд нуқтаро таъкид кардан ба манфиати кор хоҳад буд.

1. Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, ки аз тарафи диссертант таҳия шудааст танҳо дар доираи муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ истифода шудааст ва мебоист, ки ин таҷриба дар дигар донишгоҳу донишкадаҳо низ гузаронида мешуд, ин боз арзиши назариявию амалии рисоларо қавитар менамуд.
2. Унвонҷӯ дар вақти навиштани диссертатсия хуб мешуд, ки ба ҷойи муассисаи таҳсилоти олӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ –ро истифода мебурд.
3. Ба мақсад мувофиқ меояд, ки агар дар матни диссертатсия таҳқиқотҳои олимони тоҷик бештар истифода мешуд.
4. Унвонҷӯ дар вақти навиштани боби дуюми диссертатсия маълумоти кам гирд овардааст.
5. Дар диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ, грамматикӣ, услубӣ ва техникӣ мушоҳида мегардад.
6. Ҷадвалҳои оид ба натиҷаҳои озмоиш овардашуда, хеле зиёданд, хуб мешуд агар ҷавалҳо камтар карда шаванд.

Дар маҷмӯъ, эродҳои ишорашуда арзиши таҳқиқоти анҷомёфтаро ба ҳеҷ ваҷҳ паст намекунанд ва фикр мекунам, ки кори диссертатсионии Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзуи «Шароити педагогии рушди

фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ (дар мисоли фанни химия)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 –Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст, кори баанҷомрасидаи илмию таҳқиқотӣ буда, ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 таҳти № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда мебошад.

Муқарризи расмӣ:

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
мудири кафедраи педагогика ва таҳсилоти ибтидоии
МТД “Донишгоҳи давлатии Данғара”
(Ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ,
таърихи педагогика ва таҳсилот)
735320. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н. Данғара, кӯчаи Марказӣ,
e-mail: nabiev j.@mail ru
Телефон: (+992) 553 55 57 65 Набиев Ҷурабек

Имзои Набиев Ҷ.Ғ. тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Ҷаббори Н.Ҷ.
«12» 09 соли 2022